*УДК 347.1*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-15-21*

***НАҚШ ВА МАҚОМИ ҲУҚУҚИ МУҲОҶИРАТӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ***

***Санавваров Ғолибҷон Бақоевич,*** *н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***РОЛЬ И МЕСТО МИГРАЦИОННОГО ПРАВА В ПОВЫШЕНИИ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ***

***Санавваров Голибджон Бакоевич,*** *канд. юрид. наук, доцент, заведующий кафедрой конституционного права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***THE ROLE AND PLACE OF MIGRATION LAW IN INCREASING THE LEGAL EDUCATION OF MIGRANT WORKERS: THEORETICAL ASPECTS***

***Sanavvarov Golibjon Bakoevich,*** *candidate of legal sciences, associate professor, head of the constitutional law department of TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *sanavvarov@mail.ru*

*Асосҳои назариявӣ ва баъзе масъалаҳои амалияии роҳ ва усулҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Зикр шудааст, ки дар замони муосири ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон ва истифодаи имкониятҳои ҷустуҷӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад. Таъкид шудааст, ки тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи муҳоҷирон бояд яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ва ҷамъият дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқии ин категорияи шаҳрвандон гардад. Пешниҳод шудааст, ки тадриси фанни ҳуқуқи муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултетҳои ҷамъиятии донишгоҳ ва институтҳои кишвар пурра ба роҳ монда, дар муассисаҳои таълимии миёна ва омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ дар радифи тадриси фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» таълими фанни «Ҳуқуқи муҳоҷиратии Тоҷикистон» низ ба инобат гирифта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқи муҳоҷиратӣ, муҳоҷират, раванди муҳоҷират, маърифати ҳуқуқӣ, давлат, танзими ҳуқуқӣ*

*Проанализированы теоретические основы и практические вопросы нахождения путей и способов повышения правового просвещения трудовых мигрантов. Отмечено, что в современную эпоху становления гражданского общества повышение правового просвещения граждан и использование возможностей для поиска правовых мер при регулировании общественных отношений являются одними из важнейших способов формирования их правовой культуры. Подчёркивается, что в повседневной жизни мигрантов правовое просвещение и повышение уровня правового образования как условие и механизм повышения правового сознания должны стать одной из важных задач государства и общества. Предлагается внедрить изучение предмета «Миграционное право Республики Таджикистан» на гуманитарных факультетах университетов и институтов страны, а в средних учебных заведениях и профессионально-технических училищах при изучении предмета «Основы*

*государства и права» необходимо внедрить предмет «Миграционное право Республики Таджикистан».*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, отрасль права, миграционное право, миграция, миграционный процесс, правовое просвещение, государство, правовое регулирование*

*The article analyzes the theoretical foundations and practical issues of finding the ways and means of increasing the legal education of migrant workers. It is noted that in the modern era of the formation of civil society, increasing the legal education of citizens and using opportunities to search for legal measures in regulating public relations are one of the most important ways to form their legal culture. It is emphasized that in the everyday life of migrants, legal education and increasing the level of legal education as a condition and mechanism for increasing legal consciousness should become one of the important tasks of the state and society. It is proposed to introduce the study of the subject "Migration Law of the Republic of Tajikistan" in the humanities faculties of universities and institutes of the country, and in secondary educational institutions and vocational schools when studying the subject "Fundamentals of State and Law" it is necessary to introduce the subject "Migration Law of the Republic of Tajikistan".*

***Key-words:*** *Republic of Tajikistan, branch of law, migration law, migration, migration process, legal education, state, legal regulation*

Имрӯзҳо, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз муаммоҳои асосии ҷаҳони муосир ба шумор рафта, ҳаллу фасли он мушкилоти зиёдеро ба миён меорад ва масъулияти махсусро дар назди ҷамъият ва давлат талаб намуда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ аз 20 апрели соли 2006 ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки «ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоиву ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, аз танзими рафтуомад, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва пойдор намудани қонуният дар раванди муҳоҷират иборат мебошад» [5].

Ҳамзамон, аз мазмун ва муҳтавои Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, №309 тасдиқ шудааст бармеояд, ки: "Тоҷикистон ба мисли бисёр кишварҳои хориҷаи дуру наздик муҳоҷирати аҳолиро яке аз василаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишвар медонад. Дар ҳамин асос, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷират асосноккунии ҳадафҳо ва вазифаҳоеро, ки ба рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими амнияти давлатии кишвар, таъмини шароити зарурӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, урфу одатҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии аҳолии Тоҷикистон мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд" [10].

Дар ин замина, масъалаи танзими ҳуқуқии муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ, коҳиш додани он яке аз самтҳои асосии сиёсати идоракунии роҳбарияти ҶТ арзёбӣ мегардад.

Маълум аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси ташаббуси муҳоҷирон тавассути дарёфти шуғл дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, роҳандозӣ намудани раванди муташаккилонаи муҳоҷират, хусусан муҳоҷирати меҳнатии беруна, ба рушди минбаъдаи иқтисодии давлат такони ҷиддӣ мебахшад ва ҳамзамон муҳоҷирати ғайриқонуниро дар бозори миллии меҳнат пешгирӣ мекунад.

Тибқи маълумоти Маркази мониторинги ҷойивазкунии дохилӣ (IDMC - Internal Displacement Monitoring Centre), дар соли 2022 – дар натиҷаи муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии ҷаҳонӣ, таҷовуз, зиёдшавии ҳодисаҳои табиӣ – 71,1 млн нафар маҷбур шуданд,

ҷойи истиқомати худро дар макони як давлат ва ё берун аз он иваз намоянд. Дар муқоиса ба соли 2022, нишондиҳандаи мазкур 20% зиёд аст. Дар асоси маълумоти омории соли 2023, ин шумора тақрибан 27%, зиёд шудааст, ки тахминан 18% он бо муҳоҷирати меҳнатӣ алоқаманд мебошад [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ, бо рушди равандҳои муҳоҷират мушкилоти муҳоҷират то ҳол боқӣ мондааст, ки танзими ҳуқуқиро талаб менамояд. Дар ин замина, бахусус баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳақ бар ҷониби Пешвои муаззами миллат аст, ки баён медоранд: “Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад” [8].

Бо ҷонибдорӣ аз ин гуфтаҳо, илова намудан бамаврид аст, ки омӯзиши соҳаҳои ҳуқуқ дар ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии шахс нақши асосиро мебозад, зеро дар баробари ташаккул додани танзими ҳуқуқии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ метавонад барои бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ, беэътиноӣ нисбати волоияти қонун, ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ ва тарғибу ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ имконияти фароҳам орад.

Барои ҳамин ҳам, соли 2024-ро ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон доштани Пешвои миллат аз муҳиммияти сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дарак медиҳад, зеро бе ягон муболиға маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун механизми асосии таъмини волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ ва чораи муосири таъмини ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, сатҳи баланди маданият ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ метавонад ҷиҳати шомил шудани Тоҷикистони соҳибихтиёр ба қатори давлатҳои мутараққӣ заминаи мухимро фароҳам орад.

Бинобар ин, чӣ тавре, ки аз назарияи давлат ва ҳуқуқ бармеояд [11, 12], дар баробари танзими муносибатҳои сифатан якхелаи ҷамъиятӣ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳаҳои ҳуқуқи ватанӣ - амалӣ намудани вазифа ва мақсади давлат дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар ин радиф, имрӯзҳо нақши ҳуқуқи муҳоҷиратӣ дар низоми соҳаҳои муосири ҳуқуқӣ хеле муассир арзёбӣ шуда истодааст.

Чуноне ки муҳаққиқи тоҷик Д.С. Раҳмон менависад, матлаби танзими муносибатҳои меҳнатӣ - муҳоҷиратӣ аз низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие иборат аст, ки дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ инкишоф ёфта, ҳангоми таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён меоянд [9, с. 23].

Дар тақвияти гуфтаҳои болозикр, андеша дорем, ки таълим ва тадриси ҳуқуқи муҳоҷиратӣ метавонад мушкилоҳои марбут ба соҳаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мавҷудбударо ҳаллу фасл намояд ва бахусус дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ нақши муҳим мебозад.

Оид ба мафҳум ва мухтавои маърифати ҳуқуқӣ дар маъхазҳои илмиву таълимӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Олими ватанӣ Э.С. Насриддинзода дуруст зикр менамояд, ки ташаккули ва рушди ҷомеа ва давлат минбаъд баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии шахс ва умуман тамоми субъектони муносибатҳои ҳуқуқиро талаб менамояд [6].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Н.Д. Муҳамадзода: “Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлату ҷомеа дар ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ҷиҳати муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва таъмини раванди ташаккули маънавии шахс фаҳмида мешавад, ки бидуни он ғояи давлати демократиро амалӣ кардан мумкин нест” [5].

Ба андешаи мо, маърифати ҳуқуқӣ ин шакли ташаккулёфтаи шуури ҳуқуқӣ буда, дар намуди

саводнокии ҳуқуқии фард инъикос мегардад ва таъмини самараноки раванди он ба ташаккули маънавии ҳамаҷонибаи шахсият оварда мерасонад ва чун пояи асосии бунёди ҷомеаи демократӣ ва воситаи асосии таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс баромад менамояд.

Барои ҳамин, чӣ тавре олимони ватанӣ М.А. Маҳмудзода, И.Ҳ Бобоҷонзода, Р.Ш. Шарофзода, З.Ҷ. Маҷидзода ва дигарон иброз медоранд, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои он бояд тамоми қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, соҳаи фарҳанг, бунёдҳои хайриявӣ сафарбар карда шаванд [5, с.11].

Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои болозикр илова менамоем, ки дар баробари роҳандозӣ намудани тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати таъмини мақсад ва вазифаҳои маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи он, аз ҷониби дигар, таълим ва тадриси соҳаҳои нисбатан нави ҳуқуқӣ, ба мисоли ҳуқуқи муҳоҷиратӣ низ дар ин самт аз аҳаммият холӣ нест.

Хуб, ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ҳуқуқи муҳоҷиратӣ чӣ гуна соҳаи ҳуқуқ аст?

Имрӯзҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба фани соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва ё ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф шудани ҳуқуқи мухоҷиратӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Масалан, олими рус Т.Я. Хабриева ҳуқуқи муҳоҷиратиро ҳамчун фани соҳавӣ эътироф намудааст [13, с. 3-17].

Муҳаққиқони дигар ҳуқуқи муҳоҷиратиро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф менамоянд [1, с.79 - 82].

Дар асл, меъёрҳои ҳуқуқи муҳоҷиратӣ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои оммавӣ, (маъмурӣ – ҳуқуқӣ), хусусӣ, (меҳнатӣ – ҳуқуқӣ, маданӣ – ҳуқуқӣ) вале сифатан якхелаи ҷамъиятиро танзим менамояд. Барои ҳамин ҳам, эътироф намудани ҳуқуқи муҳоҷиратӣ чун фанни байнисоҳавӣ ҳарчанд баҳсталаб бошад ҳам, лекин қобили дастгирӣ аст. Зеро амалия исбот менамояд, ки танҳо бо меъёрҳои як соҳаи ҳуқуқ танзим намудани муносибатҳои муҳоҷиратӣ нисбатан душвор аст. Аммо ин гуфтаҳо барои рад намудани ҳуқуқи муҳоҷиратӣ чун соҳаи ҳуқуқ асос шуда наметавонанд.

Ёдовар мешавем, ки дар назарияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва маъхази муосири ҳуқуқӣ оид ба масъалаи муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи муҳоҷиратӣ низ ягонагии андеша ба чашм намерасад. Бархе аз олимон, ба мисоли Т.Я. Хабриева, Л.В. Андриченко, И.В. Плюгина, ҳуқуқи муҳоҷиратиро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф менамоянд, олимони дигар бошанд онро чун соҳаи комплексии ҳуқуқ меҳисобанд [14, с.13].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи ҷудо кардани ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ беш аз пеш аҳаммият касб мекунад. Бисёре аз муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ба соҳаи ҳуқуқ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ диққат медиҳанд, зеро маҳз соҳаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқӣ нақши муайянкунанда доранд. Ҷонибдори ин равиш Р.Д. Кузнетсова ба ҳисоб меравад [4, с. 186].

Дар ҳамин асос, муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ зарурати таҳлил намудани нишонаҳои асосии онро ба миён меорад.

Якум, ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун фанни байнисоҳавӣ муносибатҳои хислати хусусӣ ва оммавӣ доштаро танзим менамояд. Яъне, муносибатҳои хусусиро танзим намудани ин соҳаи ҳуқуқ бо он асоснок карда мешавад, ки аксари муносибатҳои муҳоҷиратӣ, аз ҷумла фаъолияти муҳоҷиратии меҳнатӣ бо бастани шартномаи меҳнатӣ амалӣ карда мешаванд.

Оммавӣ будани муносибатҳои муҳоҷиратӣ дар асоси принсипи тобеият амалӣ шудани онҳоро пешбинӣ менамояд. Дар навбати дигар, ба сифати яке аз субъектони асосии муносибатҳои муҳоҷиратӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират баромад менамоянд, ки хусусияти оммавӣ доштани ин муносибатҳоро бори дигар исбот менамояд.

Дуюм хусусияти ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи комплексӣ бо он асоснок карда мешавад, ки дар низоми муносибатҳои танзимкунандаи он, муносибатҳои моддӣ ва мурофиавӣ баромад

менамоянд. Барои ҳамин ҳам, ҳуқуқи муҳоҷиратӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайраҳо алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар ҳамин асос, ҳуқуқи муҳоҷиратиро ҳамчун соҳаи комлексӣ гуфтан ҳам то андозае саҳеҳ нест, зеро меъёрҳои он ҷараёни муносибатҳои муҳоҷиршавии аҳолӣ, ҷойивазкунии онҳо ва он робитаҳои иҷтимоиеро, ки дар онҳо ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд танзим менамояд.

Муносибатҳои мурофиавӣ бошанд, асосан ҳангоми вайрон намудани талаботи қонунгузории муҳоҷиратӣ ва ё ноdensматлуб иҷро намудани онҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар навбати худ, муносибатҳои муҳоҷиратӣ яке аз унсурҳои асосии ташаккули ҳаёти инсонӣ ҳисобида шуда, ҳамчун шакли фаъолияти инсонӣ, тавассути кӯчбандӣ ё ҷойивазкунӣ аз як минтақа (кишвар ё давлат) ба дигар минтақаҳо аз тарафи як ё як гурӯҳи одамон барои мақсадҳои истиқомат ё фаъолияти меҳнатӣ амалӣ мешавад ва дар навбати худ он хусусияти доимӣ, муваққатӣ, ихтиёрӣ ё маҷбуриро доро мебошад. Танзими ҳуқуқии гуна муносибатҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ба шумор меравад.

Дар ҳамин асос, ба андешаи мо, зери мафҳуми ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиеро бояд фаҳмид, ки он муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми амалишавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба озодии ҳаракат, интихоби ҷои зист, кафолати гирифтани паноҳгоҳи сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва ё қатъ мегарданд танзим менамояд.

Андеша дорем, ки ба роҳ мондани омӯзиши ҳуқуқи муҳоҷиратӣ чун соҳаи ҳуқуқ афзалиятҳои ба худ хосро дорад ва мақсади асосии омӯзиши фанни мазкур, ин аз худ намудани маҷмӯи донишҳои илмӣ ва назариявӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои бахши муҳоҷиратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ба ҳисоб меравад.

Дар навбати худ, омӯзиши ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ба ташаккули маданияти ҳуқуқии муҳоҷирон, ки мазмуни он аз қоидаҳои ҳуқуқии ахлоқӣ - этикии рафтор иборат аст мусоидат менамояд. Сохтори таркибии онро, пеш аз ҳама, шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва дар умум, низоми донишҳои ҳуқуқӣ ташкил менамояд. Муҳоҷири меҳнатӣ метавонад онро ҳангоми будубош, истиқомат, гирифтани иҷозатномаи кор ё дигар шакли фаъолияти меҳнатии худ дар давлати истиқомат ё дар ҳудуди давлати дигар бемамоният истифода намояд.

Маърифати ҳуқуқии муҳоҷир бошад, ҳамчун низоми донишҳои ҳуқуқӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирон, пешгирии поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро аз нигоҳи қонун кафолат медиҳад.

Ба мақсади такмил додани қонунгузории муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ дар дар меъёрҳои моддаи 1 қонуни ҶТ “Дар бораи муҳоҷират” мустаҳкам карда шавад.

Оид ба таҷриба ва зарурати омӯзиши фани мазкур илова менамоем, ки он аллакай дар давлатҳои муосири ҷаҳонӣ, ба мисоли Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Руссия, омӯзонида шуда истодааст.

Дар Тоҷикистон, имрӯзҳо дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар, ба мисоли факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар асоси нақшаи таълимии Вазорати маориф ва илми ҶТ тасдиқнамуда, ба донишҷӯён асосан ду фанни шабеҳ - «Асосҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ» ва “Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ” таълим дода мешаванд. Ба андешаи мо чунин шакли тадриси фанҳои таълимӣ наметавонад ба таври лозима мазмун ва моҳияти муҳоҷират, муносибатҳои муҳоҷиратӣ ва равандҳои муҳоҷиратиро дар бар гиранд.

Дар асоси ин гуфтаҳо пешниҳод менамоем, ки:

1) бо дарназардошти зарурати таъмини иттилоотонии танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират, ҷиҳати амалӣ гардидани идоракунии давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани

маърифати ҳуқуқии аҳолӣ (махсусан муҳоҷирони меҳнатӣ) пешниҳод менамоем, ки асосҳои бунёдии омӯзиши ҳуқуқи муҳоҷиратӣ ҳамчун соҳаи муосири ҳуқуқ таҳия карда шуда, ба мақсади ба роҳ мондани таълиму тадриси он дар ҶТ ба нақшаҳои таълимии муассисаҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ (барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ) тағйирот ворид карда шавад;

2) дар асоси ворид намудани тағйирот ба нақшаҳои таълимии ВМИҶТ зарур мешуморем, омӯзиши фанни «Ҳуқуқи муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар факултетҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии донишгоҳ ва донишкадаҳои олии кишвар пурра ба роҳ монда шуда, дар муассисаҳои таълимии миёна ва омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ ҳангоми омӯзиши фанни таълимии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» таълими фанни «Ҳуқуқи муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба инобат гирифта шавад;

3) бо мақсади ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда дар соҳаи муҳоҷират, вазифаҳои муҳимми соҳаи идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии муҳоҷирони меҳнатӣ, таъмини ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, амнияти он аз оқибатҳои манфии муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешниҳод менамоем, ки Консепсияи маърифати ҳуқуқӣ таҳия карда шавад, ки яке аз қисматҳои он, механизми муосири баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муҳоҷиронро, то ба сатҳи барҳам додани бесаводии муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа сафаркунандаро дар бар гирад;

4) бо мақсади дар амал татбиқ намудани тадбирҳои пешниҳодшуда дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии муҳоҷирони меҳнатӣ, маърифати ҳуқуқии онҳо дар назди мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, таъсис додани “Марказҳои иттилоотӣ – ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ” дар шакли курсҳои такмил зарур дониста мешавад. Ба хатмкунандагони курсҳои мазкур, додани шаҳодатномаи махсус оид ба омӯзиши қонунгузории муҳоҷиратии ватанӣ ва хориҷӣ ба мақсад хеле мувофиқ аст.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Брик А.Д. К теоретико-правовому исследованию проблемы концептуальных оснований систематизации миграционного законодательства // Юристъ-Правоведъ. – 2008. - №5. - С. 79 – 82.*
2. *Вокуев М.Р. Миграционное право современной России: теоретико – правовой анализ [Текст]: автореф. дисс. канд. юрид. наук: 12.00.01. / Вокуев Муса Рукманович. – Краснодар, 2006. – 28 с.*
3. *[Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ аз: https://www.linkedin.com/redir/redirect?url=http%3A%2F%2Fwww%2Einternal-displacement%2Eorg&urlhash=Ah2Z&trk=about_website (санаи муроҷиат: 17.09.2024).*
4. *Кузнецова Р.Д. Миграционное право как элемент российского права: критерии, мнения и факты // ВЭПС. - 2011. - №4. – С. 186-189.*
5. *Маҳмудзода М.А, Бобоҷонзода И.Ҳ, Шарофзода Р.Ш. Маҷидзода З.Ҷ. ва дигарон. Маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор академики академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудзода М.А. ва д.и.ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. Монография. – Душанбе: МН «Дониш», 2024. – 432 с.*
6. *Муҳамадзода Н.Д. Паёми Пешво – дастури раҳнамо ва ҳуҷҷати тақдирсоз // [Захираи электронӣ]: Матн: Манбаи дастрасӣ: https://avkd.tj/tg/khabarho/3086-payomi-peshvo-dasturi-rahnamo-va-hujjati-taqdirsoz.html (санаи муроҷиат 17.09.2024).*
7. *Насриддинзода Э.С. Правовая культура: теоретико – методологический аспект. Монография. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – 160 с.*

8. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2006. [Захираи электронӣ]: [Матн]. Дастрасӣ аз: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 16.09.2024).*
9. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ] // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.president.tj.*
10. *Раҳмон Д.С. ва диг. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ. Дастури таълимӣ // Зери назари умумии профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе. Нушбод, 2021. – 192 с.*
11. *Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, №309 тасдиқ шудааст. Захираи электронӣ: «Адлия»: Маркази муттамаркази иттилооти ҳуқуқӣ. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 17.09.2024).*

**REFERENCES:**

1. *Brik A.D. On the Theoretical and Legal Education of the Problem of Conceptual Foundations for the Systematization of Migration Legislation // Jurist-Pravoved. 2008. No. 5. – PP. 79 - 82.*
2. *Vokuev M.R. Migration Law of Modern Russia: theoretical and legal analysis [Text]: author's abstract. diss. candidate of legal sciences: 12.00.01. / Vokuev Musa Rukmanovich. - Krasnodar, 2006. - 28 pp.*
3. *[Electronic resource]: Source available at: https://www.linkedin.com/redir/redirect?url=http%3A%2F%2Fwww%2Einternal-displacement%2Eorg&urlhash=Ah2Z&trk=about_website (date of access: 17.09.2024.)*
4. *Kuznetsova R.D. Migration Law as an Element of Russian Law: Criteria, Opinions and Facts // VEPS. - 2011. - No. 4. - PP. 186-189.*
5. *Makhmudzoda M.A., Babajonzoda I.Kh., Sharofzoda R.Sh. Majidzoda Z.J. and others. Legal Consciousness in the Republic of Tajikistan // Edited by Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of the Academy of National Sciences of the Republic of Tajikistan Mahmudzoda M.A. and Doctor of Historical Sciences, Professor Babadzhonzoda I.Kh. Monograph. – Dushanbe: MN “Donish”, 2024. – 432 pp.*
6. *Muhammadzoda N.D. The Leader's Message is a Guide and Decisive Document// [ Electronic resource ] : Text: Access source: https://avkd.tj/tg/khabarho/3086-payomi-peshvo-dasturi-rahnamo-va-hujjati-taqdirsoz.html (date of access 09/17/2024).*
7. *Nasriddinzoda E.S. Legal Culture: theoretical and methodological aspect. Monograph. – Dushanbe: “ER-graf”, 2013. – 160 pp.*
8. *Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahman in Majlisi Oli from April 20, 2006 [Electronic resource]: [Text]. Access at: http://www.president.tj. ( date of appeal: 16.09.2024).*
9. *Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahman, in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on December 26, 2023 [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan: http://www.president.tj.*
10. *Rakhman D.S. et al. Migrants' Law. Study Guide // Under the General Editorship of Professor Rakhmon D.S. - Dushanbe. Nushbod, 2021. - 192 pp.*
11. *Strategy Regulation processes of Migration in the Republic of Tajikistan for period until 2040. With the decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2023, No. 309. [Electronic resource] "Justice": Center legal centralized information. Source of availability: URL: http://www.adlia.tj. (date of access 17.09.2024).*